**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи “Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи “Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ” аз дидгоҳи талаботи шароити кунунии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаву инсон ба насли наврас ва ҷавонони замони муосир муҳим ва мубрам мебошад, зеро масъалаи ташаккули салоҳиятҳои иттилоотию рақамии хонандагон аз салоҳиятҳои асосии шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад.

Дар иртибот ба сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзуъ бояд иброз кард, ки таҳқиқот барои кашфи моҳияти ҷанбаҳои педагогии рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болои тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ ва рушди минбаъдаи назария ва амалияи масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Мисрализода Фирӯза Назримад мавзуи технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур аз ҷониби олимону муҳаққиқони тоҷик ба таври алоҳидаву таҳқиқоти мукаммалу ҳаматарафа то ба имрӯз мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтааст, месазад, ки коркарди ин мавзуъро аз ҷониби довталаб иқдому ибтикори шоиста дар илми педагогикаи миллӣ дар ин самт арзёбӣ кард.

Муҳаққиқ технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоиро тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, дар ин ҷода ба як идда навгониҳо муваффақ шудааст, зеро таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулосаҳо ва таввсияҳои методии аз ҷониби муаллиф ироашуда аз он далолат мекунанд.

Навгонии илмии ин таҳқиқот дар якчанд ҷанбаҳои калидӣ таҷассум меёбад: салоҳиятҳои асосии хонандагон аз ҷиҳати назариявӣ омӯхта шуда, технологияҳои истифодаи ТИК ва интернет дар таълим нишон дода шудааст, абзорҳои педагогӣ барои рушди салоҳиятҳо асосӣ ва рақамии хонандагон таҳия шуда, салоҳиятҳои асосӣ хонандагон мураттаб шуда, вазифаҳои омӯзгор барои амалисозии онҳо муайян гардидааст.

Мушаххас карда шудааст, ки дастгирии методӣ ҷузъи муҳимми ҳама гуна раванди таҳсилот аст, махсусан вақте ки сухан дар бораи вазъиятҳои беназири педагогӣ меравад. Он далел равшан аст, ки ба дастгирии методӣ дар вазъияти баррасишаванда бояд бо таваҷҷуҳи махсус муносибат карда, саъй гардад, ки ҳамаи омӯзгорони муассиса, сарфи назар аз мансубияти фаннӣ, ба ҷумлаи иштирокдорони доимии он дохил карда шаванд.

Ҳамчунин, исбот карда шудааст, ки истифодаи абзорҳои ТИК дар дохили гурӯҳ барои фаъолиятҳои муштарак муҳити муайяни беназирро фароҳам овард, ки дар он ҳар як иштироккунанда, дар сатҳи тақрибан яксони таҷҳизоти технологияҳои иттилоотӣ қарор дорад ва ин ба иштироккунандагони гурӯҳ имкон медиҳад, ки ҳамдигарро хубтар дарк кунанд, муоширати муассиртар дошта бошанд ва вазифаи гузошташударо ҳаллу фасл намоянд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муаллифи диссертатсия таҳқиқотҳои олимон оид ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва иттилоотию рақамии хонандагонро ҳаматарафа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода, проблема ва асосҳои назариявию амалии ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва иттилоотию рақамии хонандагонро муайян кардааст, самаранокии амсилаи пешниҳодкардаашро оид ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон аз тариқи озмоиш тасвибу собит кардааст, шароитҳои педагогиву психологии раванди мазкурро муайян карда, технологияҳои истифодаи усулҳои интерактивии таълим ва аҳамияти он дар ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мавриди азрёбӣ қарор додааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки амсилаи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз ТИК ва захираҳои интернет, ки муаллиф коркард ва аз тариқи озмоиш мавриди санҷиш қарор дода, пешниҳод кардааст, ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагон истифода гардида, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълими фанҳо қарор гиранд.

Унвонҷӯй дар мураттабсозии рисолаи илмӣ воқеан ҳам заҳмати зиёд кашида, худро ҳамчун як мутахассиси донандаи соҳаи худ муаррифӣ карда тавонистааст.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон диссертатсияи Мисрализода Фирӯзаро кори илмии баанҷомрасида ва дорои арзиши илмии

назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ кард. Автореферати диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, мухтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар умум, кори таҳқиқотии Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи "Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи оң ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
декани факултети психологияи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Саидзода Низомиддин

30.01.2026

**Маълумот барои тамос:** 734003, ҶТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21; Тел: +992 909 88 10 55. E-mail: s.nizomiddin@mail.ru.

*Имзои Саидзода Низомиддинро тасдиқ мекунам.*

Сардори РК ва КМ
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС